*М. ДИНОРШОЕВ, Н. ҚУЛМАТОВ*

# БАҲСИ МУТАКАЛЛИМ БО ФАЙЛАСУФ

Фалсафаи Ибни Сино ҳамеша тарафдорони боэътимод ва душманони ашадӣ дошт. Даҳ аср боз дар пиромуни он баҳсҳои шадид давом доранд. Умари Хайём, Ибни Баҷҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Бобоафзали Кошонӣ, Ибни Халдун ва як идда мутафаккирони дигар аз пайравони бузурги ӯ буданд ва фалсафаи вайро идомаву инкишоф додаанд. Вале мутафаккирони мутакаллим — Ғаззолӣ, Фахриддини Розӣ, Шаҳристонӣ, Ибни Таймия ва дигарон ба принципҳои асосии фалсафаи ӯ муқобил баромада, онро рад карданӣ шудаанд. Фалсафаи Ибни Сино, аз тарафи дигар, ба ҳамлаҳои шадиди аҳли сӯфия низ дучор шуд. Сӯфиҳо алалхусус мазҳаби ақлонии Ибни Синоро намепазируфтанд, зеро он ба ваҳй ва илҳоми тасаввуф мухолиф буд. Дар замони мо ҳам дар пиромуни назариёти Шайх-ур-раис баҳсҳои тезутунд давом дорад; баъзеҳо ӯро ориф (мистик), баъзеҳо пантеист, баъзеҳо дуалист ва дигарон файласуфи ишроқимашраб мепиндоранд. Дар як мақола ҳамаи ин масъалаҳоро мавриди баҳс қарор додан аз имкон берун аст. Бинобар ин бо таҳлили мухтасари баҳси Фахриддини Розӣ бо Ибни Сино иктифо мекунем.

* * *

Абӯалӣ ибни Сино ва Фахриддини Розӣ барҷастатарин намояндагони ду ҷараёни мутазоди ғоявӣ—фалсафа ва калом буданд, ки муборизаи байни онҳо дар шароити асри миёна як навъ зуҳуроти муборизаи байни материализм ва идеализму илоҳиёт ҳисоб мешуд. Абӯалӣ ибни Сино пайрав ва ҳатто сарвари ҷараёни фалсафии машшоияи Шарқ буд, ки майли материалистӣ дошт ва ғолибан аз таълимоти Арасту ғизо мегирифт. Фахриддини Розӣ бошад равияи мутакаллими машҳуртарин — Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолиро давом

медод ва ҷаҳонбинии файласуфони мактаби Абӯалӣ ибни Синоро аз мавқеи илоҳиёти расмии ислом-калом танқид мекард. Аммо баръакси Ғаззолӣ вай дар ҳимояи принципҳои калом ва танқиди таълимоти машшоия собитқадам набуд. Ӯ ба муқобили файласуфони машшоъ монанди Ғаззолӣ ба таври ашадӣ ва оштинопазир мубориза набурда, бештар саргарми хурдагири ва мунозираҳои схоластикӣ шудааст.

Агар Ғаззолӣ пас аз ташаккули ақоиди каломиаш мавқеи ошкори зиддифалсафиро ишғол карда бошад, Фахриддини Розӣ ҳатто дар давраи мутакаллими мӯътабар буданаш ҳам аз таъсири идеяҳои фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино тамоман озод набуд. Бинобар ин мутафаккир аксаран пайрави эклектизм шуда принципҳои фалсафаи машшоъро бо нуктаҳои калом мувофиқ мегардонд.

Умуман, роҳи ташаккул ва эволюцияи афкори Фахриддини Розӣ хеле мураккаб, печида ва зиддиятнок аст. Мутафаккир, чунонки дар «Китоб-ул-фирақ фи шарҳи аҳволи мазоҳиб ал-муслимин в-ал мушрикин» таъкид намудааст, вақти машғули омӯхтани калом буданаш асарҳои Арасту ва Абӯалӣ Синоро низ бо иштиёқи фаровон мутолиа мекардааст. Омӯзиши ҷиддии таълимоти Абӯалӣ ибни Сино ва файласуфони дигар, аз ҷумла Абулбаракоти Бағдодӣ, ба ташаккули андешаҳои Фахриддини Розӣ, албатта, бетаъсир намонд. Чунончи, асари машҳури вай «Ал-мабоҳис ул-машриқия», бешубҳа, дар пайравии «Китоб-уш-шифо»-и Абӯалӣ ибни Сино таълиф гардида, мисли он муаммои вуҷуд, имкон, моҳият, вахдат ва касрат, ҷавҳару араз, иллат ва малул, ҳаракат ва замон, инчунин масъалаҳои соф илоҳиётро муҳокима менамояд. Аксари ин масъалаҳоро Фахриддини Розӣ тавре таҳлил кардааст, ки хулосаҳои он бо андешаҳои Абӯалӣ ибни Сино бисьёр наздик, ҳатто дар баъзе мавридҳо тамоман муштараканд. Бо вуҷуди ин Розӣ ҳаргиз тарафдор ва давомдиҳандаи таълимоти Абӯалӣ ибни Сино ва пайравони вай нагардид. Баръакс ӯ минбаъд китобҳое навишт, ки андешаҳои файласуфонро аз мавқеи назари калом рад мекард. Дар ин хусус ӯ навиштааст: «Фазлу тавфиқи ҳақ моро бар он дошт, китобҳое тасниф кунем мутазаммини радди онҳо (яъне асарҳои Абӯалӣ ибни Сино ва файласуфони мактаби вай — М. Д., Н. Қ.) бошад, чун китоби «Ниҳоят-ул-уқул», «Ал-мулаххас» ва китоби «Шарҳи «Ишорот» ва китоби «Ҷавобот ал-масоил ан-наҷҷорият» ва «Китоб-ал-баён в-ал-бурҳон...» ва «Китоб-ал-мабоҳис ул-моддият ф-ил матолиб ил-маодият» ва китоби «Тахзиб-ул-далоил фи уюн

ил-масоил» ва китоби «Ишорот ан-наззор ила латоиф-ал-асрор» ва ғайра...

Ҳамаи ин китобҳо «дар баёни усули дин ва шарҳи абтоли шубҳоти фалосафаи мухолифон аст...»[1]

Ҷаҳонфаҳмии Абӯалӣ ибни Сино ва файласуфони пайрави вай ба он нукта асос меёфт, ки «...олам қадим бувад ва иллат муассири билэҷоб аст, на фоили билихтиёр». Аз ин мавқеи назар, чунонки Фахриддини Розӣ қайд кардааст, «...бештарини фалосифа илми худоро мункиранд ва ҳашри асҷодро бовар надоранд».[2] Консепсияи мутакаллимон хилофи ин ақида буд. Онҳо мегуфтанд, ки «...таъсири бори таоло (ба олам) ба ҳукми қудрат ва ихтиёр аст».[3]

Фахриддини Розӣ масъалаи мазкур, яъне қадим будани олам ё офарида шудани онро аз мавқеи креатсионизм, ки асоси ҷаҳонбинии ислом буд, ҳал карда, бо файласуфон мухолифат меварзид. Вай баръакси Абӯалӣ ибни Сино идеяи қадим будани оламро эътироф намекард. Олам, ба ақидаи ӯ, мӯҳдас (офаридашуда) аст ва мӯҳдис (офанда)-и он худост. Мувофиқи таълимоти мутафаккир, худо ба олам на бо амри зарурат, балки аз рӯи қудрат ва ихтиёраш таъсир мерасонад. Вай «асаркунанда аст ҳам дар моҳиёти ашьё ва ҳам дар вуҷуди ашьё ва ҳам дар мавсуф шудани моҳиёти ашьё ба вуҷуди ашьё»[4], хулоса офаридагорест, ки оламро аз ҳеҷ падид овардааст. Ба фикри мутафаккир, «агар иллат муъҷиб будӣ ва қодири мухтор набудӣ, аз қидами ӯ қидами олам лозим омадӣ. Ва ин муҳол аст, пас бори таоло қодир бувад»,[5] ки оламро бо иродаю ихтиёраш аз ҳеҷ офарад.

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мешавад, ки Фахриддини Розӣ ба масъалаи асосии фалсафа, ки дар асрҳои миёна бо тақозон шароит, чунонки Ф. Энгельс нишон додааст, дар шакли «оё оламро худо офаридааст ё ки олам аз азал вуҷуд дорад?»[6] тарҳ мешуд, тамоман мутобиқи таълимоти динӣю идеалистӣ ҷавоб додааст. Воқеан, Розӣ бе ҳеҷ гуна бесуботӣ ошкоро мегуфт, ки «...муассир дар ҷумлаи мумкинот ҷуз худои субҳона ва таоло нест. Ва ӯст, ки ҳасткунандаи ҳама аст ва падидоварандаи ҳама ва ҳеҷ чизро ҷуз ӯ дар ҳеҷ чиз асар нест, балки ҳамчунон ки ӯ дар зот ва сифат ягона аст, дар офаридгорӣ ва аз нест ҳаст кардан ҳам ягона аст».[7]

Фахриддини Розӣ ин фикрҳоро дар заминаи консепсияи ҷавҳари фард ё ҷузъи лоятаҷаззоъ (атомизм), ки мутакаллимони пеш аз вай онро ба асоси фалсафии таълимоти расмии ислом табдил дода буданд, исбот карданӣ мешавад. Ӯ ба атомизм такья карда, ақидаи қадиму абадӣ будани мод-

да, ногузирии амали сабабият ва қонунияти объективии ҳодисаҳои оламро, ки файласуфони машшоъ ҳимоя менамуданд, намепазирад. Аз ин рӯ таълимоти ҷавҳари фард ё ҷузъи лоятаҷаззоъ дар фалсафаи Розӣ ҷанбаи васеи мафкуравӣ пайдо мекунад. Ин нукта аз мутакаллимони минбаъда низ пинҳон намонда будааст. Чунончи, Тафтозонии мутакаллим дар «Шарҳи ақоиди насафия» ба мақею аҳамияти назарияи ҷавҳари фард дар муборизаи калом бо фалсафаи машшоъ ишора намуда навиштааст: «Агар бипурсанд, оё ин баҳс (яъне баҳси ҷавҳари фард ё ҷузъи лоятаҷаззоъ — М. Д., Н. Қ.) суде дорад ё на, дар посух бояд гуфт: оре, зеро бо қабули ҷавҳари фард аз мубҳамоти фаровоне, ки дар назди фалосифа вуҷуд дорад, ҷилавгирӣ мешавад, монанди назарияи вуҷуди як ҳаюлои уло ва сувари навъия ва эътиқод ба абадияти ҷаҳон ва нафйи миоди ҷисмонӣ ва абадияти ҳаракати афлок ва ғайра».[8]

Розӣ бо чунин ҳукми мутакаллимон ризост, ки «...ҷисм мураккаб аст аз ҷавҳарҳои фарди мутаноҳӣ дар адад ва ҳар як қобили қисмат нест на дар ҳис ва на дар ваҳм ва на дар фарз ҷоиз аст».[9] Ба қавли ӯ, ҳар он чизе, ки интиҳо дораду дар маконе мавҷуд аст, офарида шудааст. Пас мавҷудияти «аҷсоми олам», ки андозаи муайяни фазоӣ доранду аз ҷиҳати микдор маҳдуд мебошанд, «азалӣ набувад», балки «ҳама муҳдасанд».[10]

Фахриддини Розӣ ба муқобили ғояи қадимии олам, ки Ибни Сино онро бо бурҳонҳои бисьёри мантиқӣ ва ақлӣ исбот мекард, чунин далел меоварад: ҳаракат, замон, макон, ҷисм ҳама дар ҳукми зоил шудананд. Бинобар ин олам ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад қадиму абадӣ бошад.[11] Вале ин далел бисьёр заиф ва суст аст. Муаллифи он пай набурдааст, ки замон, макон ва ҳаракати чизҳои алоҳида зоил шаванд ҳам, ҳаракат, замон ва маноҳи олам умуман фанонопазиранд. Ба таври дигар гӯем, Розӣ таносуби фарду куллро дуруст дарк накардааст. Аз тарафи дигар, ӯ дарк накардааст, ки ҷисм зоил шуда ба адами мутлақ мубтало намешавад, балки ба ҷисми дигаре табдил мешавад ва аз ин рӯ безавол аст.

Азбаски атомизми калом бо таълимоти моддаю сурат мухолиф буд, Фахриддини Розӣ ҳамчун пайрави фалсафаи калом ақидаи файласуфони машшоъро дар бораи таносуби моддаю сурат (гилеморфизм) маъқул намедонад. Таълимоти моддаю сурат дар фалсафаи машшоъ, бо вуҷуди анъанавӣ будан ва зоҳиран схоластикӣ намуданаш, тамоюли муайяни материалистӣ дошт. Файласуфони машшоъ зимни шарҳи

масъалаи гилеморфизм проблемаи «ягонагӣ ва гуногуншаклии олам, мабдаи умумии пайдоиши ашьёҳои конкретро»[12] ҳал карданӣ мешуданд. Аммо моддаю суратро метафизикона аз ҳамдигар ҷудо кардан дар файласуфони машшоъ тасаввуроти мавҷудияти субстанциалии моддаю суратро ба миён овард, ки чунин тавзеҳи онҳо дар навбати худ оқибат боиси ҳалли идеалистии масъала мегардид.

Фахриддини Розӣ таълимоти файласуфони машшоъро дар бораи аз модда ва сурат таркиб ёфтани ҷисмҳо ақидаи «заиф» шумурда қайд мекунад, ки худи «аҷсом ҳаюлои аъроз» мебошанд, зеро мо мебинем, ки «аҷсом мутағаййир мешавад дар сифот: бо он ки гарм аст, сард мешавад ва сард гарм мешавад ва ҳамчунин дар дигар сифот». Хулоса «зоти ҷисм боқӣ бувад ва сифатҳо мутааддид ва мутайғаййир»[13], Ҳамин тариқ, Розӣ проблемаи моддаю суратро дар фалсафаи худ бо проблемаи зоту сифот иваз намуда, ҳаюло (модда)-и ҷисмро зот ва тағьири ҳолатҳои ҷисмро сифоти ҷисм мешуморад.

Фахриддини Розӣ дар «Лубоб-ул «Ишорот» алалхусус ба муқобили назарияи ташаххуси модда ва сурати Ибни Сино сахт муқовимат кардааст. Мувофиқи таълимоти ташаххуси Ибни Сино модда ва сурат ба якдигар зич алоқаманд буда, аз якдигар ҷудо нестанд ва хусусиятҳояшон ба воситаи якдигар таъин мешавад. Ин таълимоти Ибни Сино бар зидди дуализми сурату модда дар назариёти Афлотун равона шуда буд, ки онро Арасту сахт танқид кард, вале то охир рафъ намуда натавонист. Фахриддини Розӣ ҳангоми танқиди назарияи ташаххуси Ибни Сино Афлотунро пайравӣ намуда ақидаи ӯро дар бораи ҷавҳари фаъол, мустақил ва муқаддам бар модда будани сурат дастгирӣ кардааст.

Баъд аз ин мутафаккир ба тафсири моҳияти харакат гузашта онро чун ҳама гуна тағьироти дар ҷисмҳо падидоянда муайян мекунад. Ин таърифи ҳаракат мутобиқи ақидаи Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Ҳаракат, чунонки Розӣ иқрор аст, ба ҳеҷ ваҷҳ сукун (оромӣ)-ро истисно намекунад, зеро, сукун аз ҳаракат накардан фарқ дорад. Ҳаракат накардани ҷисм «амри адамӣ» аст. Лекин маънии сукун др як ҳаййаз қарор гирифтан аст.. Ва ин «сифати вуҷудист». Пас ҳаракат ва сукун сифатҳои мавҷудиятанд. Ҳаракат накардан бошад хоси нестист. Дар асоси ҳамин мулоҳизаҳо Фахриддини Розӣ мисли Абӯалӣ ибни Сино хосияти ҷудонашавандаи ҷисмҳо будани ҳаракат, бе ҳаракат имконнопазир будани мавҷудияти ҷисмҳоро эътироф мекунад.

Фахриддини Розӣ чун Абӯалӣ ибни Сино имконпазирии ҳаракатро аз мавҷудияти макон (фазо) мебаровард. «Ҳаракат кардан, — мегӯяд мутафаккир, — машрут бувад ба ҳаййазе ва маконе»,[14] зеро тақик мекунад ӯ, «ҳаракат кардани ҷисм ломаҳола аз ҷое ба ҷои дигар бувад. Пас агар ҳаракат мавҷуд бошад, макон мавҷуд бошад. Лекин ҳаракат мавҷуд аст, пас бояд ки макон мавҷуд бошад».[15]

Дар бораи моҳияти макон, ба қавли Фахриддини Розӣ, ду ақидаи мухталиф ҳаст: якум—макон иборат аст аз абъоде тиҳӣ ва ҷисм, ки дар вай мавҷуд аст»; дуюм — «макон иборат аст аз сатҳи ботин аз ҷисми ҳовӣ, ки мамос бувад сатҳи зоҳирро аз ҷисми маҳвӣ».[16] Ақидаи якумро, ки аслан маҳсули андешаи Демокрит буд, Фахриддини Розӣ иштибоҳан ба Афлотун нисбат додааст. Ақидаи дуюм ба Арасту тааллуқ дошт.

Фахриддини Розӣ кадоме аз ин фикрҳоро маъқул медонист? Вай бо Афлотун ҳамраъй буд ё ки фалсафаи Арастуро пайравӣ мекард? Ба ин савол ҷавоби қатъӣ додан мушкилие пеш меорад, чунки мутафаккир агар дар асарҳои аввалинаш — «Мабоҳис-ул-машриқия», «Ар-рисолат-ул-камолия» ва ғайра фикри Арастуро дар бораи «сатҳи ҳовӣ» будани макон, ки «мамоси сатҳи зоҳири маҳвӣ» аст, тарафдорӣ намуда, мисли Арасту ва пайравони шарқии ӯ, аз ҷумла Абӯалӣ ибни Сино, мавҷудияти халоро муҳол шумурда бошад, дар китобҳои охиринаш — «Шарҳи уюн-ал-ҳикма», «Матолиб-ул-олия», «Ал-муҳассал», «Арбаайн фи усул-иддин» ақидаи Афлотунро аз ақидаи Арасту афзал медонад ва ҳамчун мутакаллим ҳастии халоро исбот мекунад.[17]

Таҳлили категорияи замон (вақт) низ Фахриддини Розиро ба хулосаҳои зид овардааст. Агар дар «Мабоҳис-ул-машриқия» ӯ мисли файласуфони машшоъ замонро вобаста ба ҳаракат эзоҳ дода бошад, дар «Матолиб-ул-олия» онро вуҷуди қоим ва ғанӣ дар зоти худ мешуморад, ки мавҷудияташ ҳаргиз аз ҳастии ҳаракат барнамеояд»[18] Дар «Ар-рисолат ул-камолия» бошад, вай мавҷудияти объективии замонро умуман инкор карда менависад: «Замонро ҳеҷ вуҷуд нест. Ва қаблият ва баъдият ва маъийят иқтизои вуҷуди ҳеҷ замон накунад».[19]

Ин ҳукми Фахриддини Розӣ, бешак, хилофи фикри Арасту ва Абӯалӣ ибни Синост. Ин файласуфон, чунонки маълум аст, замонро бе ҳаракату тағйирот, аз ҳолате ба ҳолати дигар гузаштан тасаввур намекарданд. Замон, ба фикри онҳо, туфайли ҳаракат мавҷуд аст, бе тағйироту ҳаракат

замон ҳам нест. Вале замон бо худи ҳаракат айният надорад. Он маҳз хосияти (арази) ҷудонашавандаи ҳаракат мебошад. Пас, замон ва ҳаракат якҷоя мавҷуданд. Агар ҳаракат ба амал ояд, баробари он вақт ҳам мегузарад ва баръакс ҳангоми гузаштани вақт ҳаракат ба амал меояд. Миқдори ҳаракат ба воситаи замон муайян карда мешавад, чунки замон ба ҷуз андозаи ҳаракат будан маънои дигар надорад. Дар айни ҳол гузаштани вақтро бо пешинию пасинии ҳаракат месанҷанд. Ҳамин тариқ, замон ва ҳаракат муайянкунандаи якдигаранд ва ба ҳамдигар вобаста мебошанд.

Фахриддини Розӣ баръакси Арасту ва Абӯали ибни Сино мавҷудияти объективии замон ва бо ҳаракат робитаи мутақобил доштани онро инкор мекард, ки идеалистӣ будани чунин ақида бешубҳа мебошад.

Шарҳу тафсири категорияҳои дигари ҳастӣ дар таълимоти Фахриддини Розӣ аз хулосаҳои файласуфони машшоъ тафовути ҷиддӣ надорад. Танҳо ҳангоми таҳлили категорияи музоф ва анвои он Розӣ аз мавқеи Абӯалӣ ибни Сино дур рафта мазмуни объективӣ доштани ин категорияро инкор мекунад ва туфайли ин таълимоташро бо калом мувофиқ мегардонад.

Монандӣ ва тафовути ақидаҳои Абӯалӣ ибни Сино ва Фахриддини Розӣ дар фаҳмиши моҳияти нафс ва муносибати он ба тан ошкортар зоҳир мешавад. Абӯалӣ ибни Сино муносибати нафсу танро шарҳ дода қайд мекунад, ки бо вуҷуди ҷовидон мондан нафс то пайдоиши олати худ, ки бадан аст, вуҷуд надорад. Вай онгоҳ ба вуҷуд меояд, ки бадан пайдо шавад. «Нафс агар бо бадан мавҷуд ояд, аз сабабе беруни бадан ва пеш аз бадан, он нафс набувад, — мегӯяд файласуф. — Нафс пеш аз бадан набудааст, ки будани вай пеш аз бадан муаттал бувад, пас он гоҳ мавҷуд шавад аз сабабҳои вуҷуд, ки олати вай мавҷуд шавад».[20]

Фахриддини Розӣ ин ақидаи Абӯалӣ ибни Синоро, ки сарчашмааш таълимоти Арасту аст, қабул намуда, таъкид мекунад, ки «нуфус қабл аз абдон... бояд ки мавҷуд набувад». Барои исботи ин ҳукм ӯ чунин далел меорад, ки «агар нафс пеш аз ин бадан мавҷуд буда бошад», бояд ки мо дар ин ҳол пеш аз ин мавҷуд будани худро бидонем, зеро «олим ба ҳамаи маълумот ва соҳиби ҷумлаи идрокот нафс аст». Лекин мо аз он хабар надорем, ки пеш аз бадани худ мавҷуд будаем. Пас набояд, ки нафс пеш аз бадан вуҷуд дошта бошад».[21] Розӣ мегуфт, ки «тафовути байни нафсу ҷисм тамоман возеҳ аст, яъне «ҷон мавҷуд аст муҷаррад аз модда,

на ҷисм аст ва на ҷисмонӣ».[22] Бинобар ин, қайд мекунад ӯ, «аз мавти ҷасад мавти ӯ лозим наояд»[23] ва «нафс баъди мавти бадан боқӣ монад»[24] чунки «таaллуқи он ба бадан ҷуз таaллуқи тасарруф ва тадбир нест».[25]

Ин ақидаи Фахриддини Розӣ, ки фанонопазирии нафси инсонро тасдиқ мекунад, бо таълимоти файласуфони машшоъ, аз ҷумла бо назарияи Абӯалӣ ибни Сино мувофиқ меояд, ки аз рӯи он «нафс ба ҳеҷ ваҷҳ муттафиқан бо марги бадан намемирад, вай аслан фанонопазир аст».[26]

То ҳамин ҷо фикри Розӣ бо андешаи Абӯалӣ ибни Сино монанд аст. Аммо ӯ минбаъд ақидаи Абӯалӣ ибни Синоро дар бораи вобаста бо бадан пайдо шудани нафс мувофиқи талаботи таълимоти каломии худ шарҳ дода онро мӯҳдас (офарида) мешуморад. Дар таълимоти калом мӯҳдас (офарида) мӯҳдис (офаранда) ё муассире дорад, ки он худост.

Зимнан бояд қайд кард, ки дар таълимоти Розӣ нафс то ба таври фардӣ дар бадан зуҳур ёфтани худ аз олами рӯҳонӣ ҷудо нест. Дар натиҷаи марг он аз ҷисм ҷудо шуда боз ба авҷи «олами саодат» мерасад ва ба тоифаи рӯҳониёну муқаррабон ҳамнишин мешавад. Гузашта аз ин, Фахриддини Розӣ бар хилофи Форобию Ибни Сино ҳамчун пайрави фалсафаи калом назарияи таносухи нафсро, ки аз таълимоти асосии динӣ мебошад, эътироф карда, таълимоташро ба концепцияи Афлотун мепайвандад, зеро маҳз назарияи Афлотун дар бораи нафс барои асоснок намудани тасаввуроти охират ва ҳашру нашр ба кор меомад. Форобию Абӯалӣ ибни Сино бошанд, азалию қадим будани нафс ва таносухи онро рад намуда, дар ҳамин асос ба ҳашру нашр ва охират иқрор намешуданд.[27]

Абӯалӣ ибни Сино нафси инсонро ҷавҳари ягона мешумурд.[28] Аммо Фахриддини Розӣ дар пайравии Афлотун тасдиқ мекунад, ки дар байни нафсҳои одамон тафовути субстанциалӣ ҳаст ва «дар навъ яке» будани «нуфуси нотиқа» ботил аст, зеро агар нафс ҷавҳари ягона мебуд, одамон қобилиятҳои баробар медоштанд. Лекин аз мушоҳидаҳо аён аст, ки нафсҳои одамон аз ҳамдигар тафовут доранд ва ин тафовут дар он зоҳир мегардад, ки шахсе бе душвории муайян ва кӯшиши зиёд дар андак муддат илмҳои дақиқро аз худ мекунад, вале каси дигар онро бо машаққату меҳнати бисёр меомӯзад. Ба фикри Розӣ, ин тафовут натиҷаи гуногунии миҷоз нест, зеро бо вуҷуди тағйир ёфтани миҷоз зеҳни одам як хел боқӣ мемонад. Ғайр аз ин бисёр мешавад, ки шахсони миҷозашон якхела дар лаёқати фаҳмиш аз ҳамди-

гар фарқ мекунанд ё баръакс одамони миҷозашон мухталиф дар фаросату зеҳн баробари якдигаранд. Аз ин ҷо Розӣ хулоса мебарорад, ки гуногунии зеҳну идроки одамон натиҷаи аз ҳамдигар тафовут доштани нафси онҳост. Пас нафси инсон ҷавҳари ягона нест, яъне «нуфуси нотиқа дар навъ яке нестанд», балки ҷавҳарҳои фарди мустақили гуногун мебошанд.[29] Ин хулосаи Розӣ бо нуқтаи назари Афлотун мувофиқ меояд, аниқтараш онро такрор мекунад.

Вақте ки Абӯалӣ ибни Сино дар бораи ҷавҳари ягона будани нафси инсон сухан меронад, онро дар назар надорад, ки гӯё тамоми одамон як хел нафс дошта бошанд. Файласуф, албатта, медонист, ки одамон аз рӯи дараҷаи зеҳну идрок ва фаҳму фаросат аз якдигар фарқ мекунанд ва ин қобилиятҳо ба нафси онҳо вобаста аст. Лекин ӯ аз ин ҷо дар бораи аз ҳамдигар аслан фарқ кардани нафсҳои фардӣ хулоса набароварда, баръакс нафсҳои тамоми одамонро аз ҷиҳати умумияти ҷинсӣ ягона мешуморад ва тафовути байни онҳоро дар сабабҳои моддии процессҳои ҳаёт меҷӯяд. Бояд гуфт, ки аз тарафи Абӯалӣ ибни Сино эътироф шудани умумияти нафси одамон тамоили гуманистию демократӣ пайдо карда, барои аз миён бардоштани монеаҳои нобаробарии табақавии феодалӣ то дараҷае мусоидат намудааст. Гуфтан мумкин аст, ки ин таълимот дар он шароит ҳамчун назарияи фалсафии идеологияи гуманизм хизмат мекард.

Фахридини Розӣ бошад, таҳқиқи нафсро ба илоҳиёт ва вазифаҳои ахлоқӣ динӣ: исботи охират, ҳашру нашр, таносух, ҷазову сазо тобеъ намуда, кӯшидааст, ки таълимоти Афлотуну пайравони Арастуро бо ҳам омехта, ба талаботи ҷаҳонфаҳмии калом мувофиқ гардонад.

Таҳқиқи проблемаҳои маърифат (ё идрок ба истилоҳи файласуфони асрҳои миёна) низ Абӯалӣ ибни Сино ва Фахриддини Розиро ба хулосаҳои гуногуни гносеолгӣ оварда буд.

Шубҳае нест, ки дар шарҳу баён ва ҳалли масъалаҳои ҷудогона, чун эзоҳи роли ҳиссиёти панҷгонаи зоҳирию ботинӣ ва мартабаҳои ақл (ақли ҳаюлонӣ, ақли билмалакӣ, ақли билфеъл, ақли билмустафод), танқиди назарияи маърифати асҳоби шуоъ ва ғайра Фахриддини Розӣ аз таълимоти Абӯалӣ ибни Сино дур нарафтааст. Аммо дар масъалаҳои принципиалии назарияи маърифат Фахриддини Розӣ ба Абӯалӣ ибни Сино эрод гирифта, таълимоти худро ба назарияи ӯ муқобил мегузорад. Абӯалӣ ибни Сино, чунон ки маълум аст, маърифатшаванда будани ҳақиқати ашьёс

бе чуну чаро эътироф мекард. Фахриддини Розӣ бошад, аз рӯи бесуботии мавқеи фалсафиаш дар байни ақидаи маърифати олам ва инкори он мекалавид. Аз як тараф, ӯ исбот мекард: «Тасаввурот қобили иктисоб нестанд, зеро агар касе бихоҳад онҳоро касб кунад, ё онҳоро тасаввур намуда, ё тасаввур накардааст. Агар тасаввур карда бошад, муҳол аст дубора таҳсил кунад, зеро чизе, ки ҳосил аст, касб нашуданист. Ва агар онҳоро тасаввур накарда бошад, аз он ғофил аст. Ва чизе, ки ба куллӣ мавриди ғафлат бошад ва таваҷҷӯҳе ба он нашуда бошад, муҳол аст онро талаб кунанд. Тасдиқоти бадеҳӣ низ касбӣ нестанд, зеро ё чунон аст, ки тасаввури ду тарафи тасдиқ, яъне мавзӯъ ва маҳмули ҷазм, ба ҳукм ҳосил мешавад ва тасаввури ду тараф барои ҳукм кофӣ аст. Дар ин сурат тасдиқ ба таври вуҷуб ва лузум ба тасаввури тарафайн ҳамроҳ аст. Агар онҳо бошанд, илм ба ҳукм хоҳад буд, ва агар набошанд, илм ҳосил нахоҳад шуд ва чизе ки чунин бошад, дар ихтиёри мо нест, то онро талаб кунем... Тасдиқот ба таври куллӣ касбӣ нестанд, зеро агар маҷҳул ба таври вуҷуб ба бадеҳиёт мулозим бошад, дар қудрати мо нест, ки онро касб кунем... Ва агар миёни маълумот ва маҷҳулот лузум набошад ва натиҷа нисбат ба муқаддамот зурурат надошта бошад, наметавонем ба маълумот истидлол кунем, то маҷҳулотро собит намоем. Ва дар сурате ки зарурат ва лузуме дар байн набошад, бояд онҳоро пас аз зикри муқаддамоти тақлидӣ қабул кунем ва чизе, ки ба тақлид пазируфта шуда бошад, илм нахоҳад буд».[30]

Аз тарафи дигар, ӯ дар як қатор асарҳояш ба маърифати ҳақиқати чизҳо иқрор шуда, донистани сабабҳои чизҳоро вазифаи маърифат мешуморад.

Чунонки маълум аст, Абуалӣ ибни Сино ва пайравонаш идрокро (маърифатро) дар зоти мудрик мунтабиъ шудани сурати чизҳо мешумориданд.

Шайх-ур-раис дар «Аш-Шифо» навишта буд: Ба ақидаи ман идрок иборат аст аз ин ки идроккунанда сурати идрокшавандаро ба навҳе аз онҳо бигирад. Агар идрокшаванда шайъи моддӣ бошад, ҳамин ки идроккунанда идрокшавандаро таҷрид аз модда кард, идрок ҳосил мешавад... Ба ақидаи ман... маънии ин ки «чизи хориҷиро эҳсос кардам, ин аст, ки он чиз дар ҳисси ман мутамассил гашт. Ва маънии ин ки «чизеро дар нафси худ эҳсос кардам», ин аст, ки худи сурати ҷисм дар ҷони ман мутамассил гашт».[31]

Дар «Ишорот ва танбеҳот», ки яке аз асарҳои охирини мутафаккир буда, дар он ақоиди солҳои охири умраш дарҷ

шудааст, ҳамин нукта чунин таҳрир шудааст: «Бидон, ки дарьёфти (яъне идроки — М. Д., Н. Қ.) чиз он бувад, ки ҳақиқати вай дар зеҳни дарьёбанда мутамассил мегардад ва дарьёбанда онро мушоҳидат мекунад. Он ҳақиқат ё ҳақиқати чизест, ки ҳангоми дарьёфтан берун аз дарьёбанда аст ё ҳақиқати чизест, ки дар аъёни хориҷ билфеъл вуҷуд надорад, чун бисьёрии шаклҳои ҳандасӣ ва аксари мафрузот, ки фарзи онҳо дар ҳандаса мумкин аст, вале дар асл ҳеҷ ҳақиқат надоранд».[32]. Ба ақидаи Ибни Сино идрок, яъне муртасил (инъикос) шудани сурати (образи) ашьё дар зеҳн ва ташаккул ёфтани тасаввур (мафҳум) ва тасдиқ (ҳукм, қазия) чун ду шакли дониш, амри дафъатан нест, балки дар натиҷаи чанд зинаи таҷрид (абстракцияро тай намудан) ба вуҷуд меояд: 1) ҳис сурати моддаро бо тамоми лавоҳиқи (хосиятҳояш) моддиаш (чандӣ, чигунагӣ, куҷоӣ, кайи, дошт) мегирад ва ба ҳастии модда ниёзманд аст, то ки сурати он барои вай мавҷуд бошад; 2) хаёл сурати моддаро зиёдтар таҷрид (ҷудо) мекунад ва онро чунон мегирад, ки дигар барои ҳастии вай ба модда ниёз надорад. Бинобар ин агар модда ғоиб шавад ё ботил гардад ҳам, он сурат дар хаёл собит хоҳад монд. Хаёл сурати моддаро аз модда тамоман таҷрид карда, онро аз лавоҳиқи моддӣ ба куллӣ ҷудо карда наметавонад. Пас, сурати ашьё, ки дар хаёл сабт шудааст, дар ҳукми сурати маҳсус аст; 3) ваҳм сурати моддаро аз он бештар таҷрид мекунад, зеро вай маъниҳоеро дармеёбад, ки зотан моддӣ нестанд (мисли хайр, шарр, дӯстӣ, душманӣ ва ғайра). Вале бо ин ҳама ваҳм сурати ашьёро аз лавоҳиқи моддӣ ба куллӣ таҷрид намекунад, зеро онро ба таври ҷузъӣ мегирад. Аз ин сабаб сурате, ки дар ваҳм падид меояд, низ сурати маҳсус аст; 4) қувваи ақл сурати ашьёро аз ҳама ҷиҳат, яъне ҳам аз модда ва ҳам аз лавоҳиқи моддӣ ҷудо мекунад ва маънии ақлии онҳоро сабт мекунад.

Аз ин таъбири Ибни Сино бармеояд, ки ҳис ва хаёл мафҳуми ашьёро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Ваҳм мафҳуми ашьёро ба вуҷуд меоварад, вале ин мафҳум на мафҳуми куллӣ, балки ҳиссӣ аст. Мафҳуми куллии ашьёро фақат ақл ба вуҷуд оварда метавонад.

Назарияи маърифати Абӯалӣ ибни Сино, чӣ тавре ки аён аст, принципи инъикосро ба асос мегирад. Розӣ бошад ин принципро эътироф накарда барои радди он далелҳо меорад, ки яке аз онҳо ба тариқи зайл аст: «Агар тахайюли чизҳо иқтизои он кунад, ки чизҳо дар қуввати мутахайила ҳосил шавад, пас лозим аст, ки чун мо идроки ҳатти мустақим

кунем, ки мо мустақим бошем ва чун идроки мустадир кунем, мустадир бошем. Ва агар идроки ҳар ду кунем дар як вақт, бояд ки мо дар як вақт ҳам мустақим ва ҳам мустадир бошем...

Ва айзан, чун мудрики моҳиятҳо аз ҳаракат ва сукун ва истиқомат ва истидорат ҷавҳари нафс аст, лозим ояд, ки нафс ҳам мутаҳаррик бувад ва ҳам сокин, ва ҳам мустақим бувад ва ҳам мустадир дафъати воҳидат. Ва нафс мавҷуде муҷаррад аст ва ин муҳол аст. Ва айзан, чун тахайюли кӯҳе ва дарьёе кунем, бояд ки сурати кӯҳ ва дарьё дар муқаддами димоғи мо бошад ва ин муҳол аст, зеро ки сурати азим дар маҳали кӯчак нагунҷад. Пас маълум шуд, ки он ҳуҷҷат бурҳон нест, балки муғолат аст».[33]

Қайд кардан лозим аст, ки Абӯалӣ ибни Сино «дар зоти мудрик мунтабиъ шудани сувари чизҳо»-ро чун пайдо шудани нақши моддии онҳо эзоҳ намедод. Агар инъикос чунин маънӣ медошт, он гоҳ сурати чизҳои бузург, воқеан, чи хеле ки Розӣ бовар мекунад, дар ҷои хурд, масалан мағзи сар намеғунҷид. Абӯалӣ ибни Сино, ки файласуф ва табиатшиноси барҷаста буд, ин ҳақиқатро хуб мефаҳмид. Бинобар ин, ӯ қайд мекард, ки дар ҳиссиёту ақл на нақши моддии ашьё, балки сурати маънавии чизҳо ҳосил мешавад. Пас эроди ба назарияи маърифати Абӯалӣ ибни Сино гирифтаи Фахриддини Розӣ дар натиҷаи ғалат фаҳмидани моҳияти инъикос ва таҳрифи принципҳои гносеологияи файласуфи номвар ба миён омадааст. Аз тарафи дигар, эродоти Фахриддини Розӣ аз нафаҳмидани (ё фаҳмидан нахостани) таносуби моддиёту маънавиёт, ҳастӣ ва идрок сар задаанд, ки Ибни Сино онро бисьёр хуб пай бурдааст: моддиёт-ҷисмонӣ, маънавиёт ғайри ҷисмонист, моддиёт-тақсимпазир, маънавиёт тақсимнопазир аст, моддиёт ҳаҷм дорад, маънавиёт ҳаҷму андоза надорад; моддиёт-ашьёи айнии хориҷӣ, маънавиёт сурати муҷаррад, яъне образи абстракти)-и он аст. Заифу суст будани эродоти Розиро ҳанӯз Насириддини Тӯсӣ пай бурда навишта буд, ки онҳо маҳсули нафаҳмидани чунин амранд, ки идроки ашьё ҳосил шудани сурати зеҳнии чизҳо дар ақли мудрик аст.[34]

Далели дигаре, ки Розӣ дар радди назарияи идрок (маърифат)-и Ибни Сино меоварад, аз он иборат аст, ки мафҳуми чизи дониста тамоми моҳияти онро дарҷ ва сабт карда наметавонад ва аз ин сабаб ба он баробар нест. «Маъқули осмон (мафҳуми осмон — М. Д.; Н. Қ.), — навишта буд Розӣ, — аз рӯи тамоми моҳияташ ба осмони мавҷуд дар хориҷ

баробар нест, ваагарна раво буди, ки сиёҳӣ аз рӯи тамоми моҳияташ мисли сафедӣ бошад, зеро байни сиёҳию сафедӣ аз ҷиҳати махсус буданашон муносибате вуҷуд дорад, ки он нисбат ба муносибати байни «маъқули осмон», ки аризи ғайри маҳсус буда ҳоли пазироест ва осмони мавҷуд, ки ҷавҳари махсуси мавҷуд дар хориҷ буда, он аразро фаро мегирад, томтар аст».[35] Мувофиқи назарияи таҷриди Ибни Сино ин эътимоде надорад, зеро Шайх-ур-раис даъво накардааст, ки мафҳуми зеҳнӣ (ақлӣ)-и чиз аз рӯи тамоми моҳияташ ба ашьёи хориҷӣ (объективӣ) бояд тамоман баробар бошад. Баръакс, чунон ки аз назарияи таҷриди ӯ бармеояд, мафҳуми ашьё танҳо маънии ашьёро ифода намуда, лавоҳиқи моддии он (хусусиятҳои иловагии моддии он)-ро фаро намегирад. Бинобар ин худ аз худ маълум аст, ки мувофиқи ақидаи Ибни Сино мафҳуми чиз ба худи чизи хориҷӣ баробар буда наметавонад. Ҳомии фалсафаи Ибни Сино мутафаккири асри XIII Насириддини Тусӣ ба ин эътирози Розӣ ҷавоб дода навишта буд: «Ман ҳам баргашта мегӯям, ки моҳияти чиз он аст, ки аз худи ин чиз, бе аразҳои хориҷи вай дар ақл ҳосил мешавад. Аз ин сабаб лафзи «моҳият» аз лафзи «мо ҳувва («чист он») муштақ мешавад. Пас ҷавоби он бо худаш аст. Чун амр чунин бошад, маънии гуфтори «маъқули осмон» ба осмони дар хориҷ мавҷуд баробар нест», он аст, ки осмони маъқули муҷаррад аз лавоҳиқ ба осмони маҳсуси қарини он баробар нест».[36]

Дар байни эродҳои Розӣ ба назарияи идроки Ибни Сино чунин эътирозе низ ҳаст: «Агар идроки сиёҳӣ фақат аз он иборат бошад, ки вай дар чизе ҳосил мешавад, пас ҷисми сиёҳ бояд мудрик (дарьёбанда) бошад».[37] Ин эрод ба таҳрифи назарияи идроки Ибни Сино асос ёфтааст: ӯ дар ягон асараш нагуфтааст, ки идрок ҳосил шудани сурати чизе дар чизест, балки ҳамеша қайд кардааст, ки идрок ҳосил шудани сурати чизҳо дар ҳис, зеҳн, ақл ва нафси инсон аст. Барои Ибни Сино мудрик (донанда)-и ҳақиқӣ на харгуна чиз, на ҳайвон, балки фақат инсон аст, ки дар мисоли ҳисҳо ва ақл қувваҳои бузурги дарьёбанда дорад. Аз ин эроди ӯ бармеояд, ки вай фарқи байни иртисоми ҷисмонӣ ва зеҳниро, ки онро Ибни Сино хуб тасаввур мекард, дарк накардааст, яъне пай набурдааст, ки иртисоми ҷисмони амри моддӣ ва иртисоми зеҳни амри рӯҳони аст. Ибни Сино ва пайравони ӯ фарқи иртисоми ҷисмониро аз иртисоми зеҳнӣ (ақлӣ) дар он низ медиданд, ки ҷисми моддӣ наметавонад паёпай суратҳои бисьёреро бигирад, барои он ки вай сурати наверо

нақш кунад, бояд сурати пеш иртисом кардаашро барандозад. Аммо ҳоли иртисоми зеҳнӣ (ақлӣ) бар хилофи он аст: Зеҳн ва ақл метавонад дар як вақт суратҳои бисьёри ашьёро бигиранд ва маҳфуз доранд. Дар ин ҳол онҳо ба барандохтани суратҳои пеш идрок кардаашон наёзманд нестанд.

Розӣ мисли Абӯалӣ ибни Сино ва пайравони ӯ маърифатро аз идроки фард ва кулл иборат дониста, зимнан баръакси онҳо, ки идроки фардро ба ҳиссиёт ва куллро ба ақл нисбат медоданд,«мудрики ҳамаи мударрикот ва кулли идрокот»-ро[38] нафс мешуморад ва дар ин ҳолат байни нафс ва ақл, ки қувваи нафс пиндошта мешуд, фарқ намегузорад.

Албатта, ҳам нуқтаи назари Абӯалӣ ибни Сино, ки идроки куллро ба ақл ва фардро ба ҳиссиёт вомегузошт, ҳам ақидаи Фахриддини Рози дар бораи дарккунандаи фард ва кулл будани маҳз ақл аз яктарафагӣ ва маҳдудияти метафизикӣ озод нест. Агар Абӯалӣ ибни Сино ҳиссиёт ва ақлро, ки воситаҳои процесси ягонаи маърифат мебошанд, аз ҳамдигар канда ҳар якеро шаклҳои мустақили маърифат пиндошта бошад, Фахриддини Розӣ роли дар маърифат доштаи ҳиссиётро паст зада рационализмро ба ифрот расондааст. Зимнан қайд мекунем, ки маҳдудияти назарияи маърифати ҳарду мутафаккир, бешубҳа, дар натиҷаи нафаҳмидани мавқеъю аҳамияти амалия дар маърифат ба миён омадааст. Қатъи назар аз ин дар андешаҳои ҳарду мутафаккир ҷиҳатҳои мусбат ҳастанд. Абӯалӣ ибни Сино дар он бобат ҳақ аст, ки маълумоти ҳисиётро ҳамчун оғози маърифат ва аввалин муқаддимаи дониш ба асос мегирад. Вале дар айни замон ӯ идроки фардро ба ҳисиёт вогузошта вазифаи онро танҳо бо ҳамин маҳдуд менамояд, ҳол он ки ба воситаи ҳиссиёт ошкор намудани фардҳо фақат дар сурати истифода бурдани мафҳумҳо имконпазир мегардад. Аз тарафи дигар, ҳиссиёт фардро танҳо дар шакли ҷамъбастгардида, то ҳадде умумият пайдо карда инъикос менамояд, зеро «алоҳида берун аз робитае, ки ба сӯи кулл мебарад, вуҷуд надорад».[39]

Фикри Фахриддини Розӣ дар бораи ҳам кулл ва ҳам фардро дарк кардани нафс аз он ҷиҳат дуруст аст, ки ҳақиқатан: 1) тафовути байни фарду кулл ва моҳияту зуҳуротро на нафс, балки маҳз ақл ошкор менамояд;2) ҳиссиёт дар маърифат танҳо туфайли фаъолияти амалии ақл ҳамчун ҳиссиёти ҳақиқатан инсонӣ зоҳир мегардад; бе фаъолияти амалӣ ва бе робита бо ақл, ки он воқеан дар заминаи идроки амалияи ҷамъиятӣ ва ҳастии иҷтимоии одамон ташаккул меёбад, ҳиссиёт на ҳиссиёти инсонист. Ҳиссиёти инсон ту-

файли бо амалия робита доштани худ аз эҳсосу идроки ҳайвон фарқ дорад. Инсон натиҷаи эҳсосоти худро дарк намуда энергияи таҳрикдиҳандаи беруниро ба ҳақиқати шуур табдил медиҳад ва онро ба воситаи категорияҳои муайяни тафаккур ҷамъбаст карда дар шакли ҷумлаҳои забон ифода менамояд; 3) ҳиссиёт маҳз ҳамонро инъикос менамояд, ки дар процесси фаъолияти амалӣ инсон ба идроки он қобилият пайдо кардааст. Қ. Маркс беҳуда нагуфтааст, ки «ташаккули панҷ ҳисси зоҳир маҳсули тамоми таърихи то ҳол ҷараёнёфта мебошад».[40]

* * *

Чунонки аз таҳлили муқоисавии проблемаҳои мазкур ошкор мегардад, Фахриддини Розӣ дар фалсафа равияи ба таълимоти Абӯалӣ ибни Сино мухолифро пайравӣ карда, ҳамчун мутакаллим бар зидди вай мубориза бурда бошад ҳам, аз таъсири идеяҳои ӯ тамоман озод набуда, ҳангоми ҳалли чандин масъалаҳои фалсафӣ ба назарияи машшоиян Абӯалӣ ибни Сино майл намудааст. Ва ин ҳеҷ тасодуфӣ набуд.

Фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино, ҳақиқатан, ҳамчун таълимоти бонуфузтарин ҷараёни тафаккури назариявӣ инкишофи ояндаи ақидаҳои фалсафии Шарқи Наздик ва Миёнаро муайян мекард. Пас, аз таъсири афкори Абӯалӣ ибни Сино берун мондани ҷаҳонфаҳмии Фахриддини Розӣ ҳам ҳодисаи ғайримуқаррарӣ мебуд. Аз тарафи дигар, фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино мавзӯи мубоҳисаю мунозира ва ҳадафи танқиди ҷараёнҳои расмии идеологии оламами ислом, пеш аз ҳама калом қарор гирифта буд. Пас мухолифатҳои идеявии байни Фахриддини Розӣ ва Абӯалӣ Ибни Сино низ маҳз аз ҳамин ҷо сар задааст.

[1] Чахордаҳ рисола, Теҳрон, 1340, с. 144.

[2] Чаҳордаҳ рисола, с. 143—144.

[3] Фахриддини Розӣ. Ал-бароҳин дар илми калом, Теҳрон, 1341, с. 103.

[4] Ал-бароҳин, с. 60.

[5] Фахриддини Розӣ. Қитоб фи усул-ид-дин ва таҳсил-ул-ҳақ фи тафзил-ул-фирақ. Чаҳордаҳ рисола, с. 59.

[6] Ф. Энгельс. Людвиг Фейербах ва хотима ёфтани философияи классикии немис. Қ. Маркс ва Ф. Энгельс. Асарҳои мунтахаб, ч. 2, Душанбе, 1965, с. 403.

[7] Фахриддини Розӣ. Ар-рисолат-ул камолия фи-ил-ҳақоик-ил-илоҳия, Теҳрон, 1335, с. 74.

[8] Иқтибос аз китоби Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон, 1348, с. 210.

[9] Ал-бароҳин, с. 258.
[10] Ҳамон асар, с. 23, 69.
[11] Фахриддин Розӣ. Ал-бароҳин, с. 6—39.
[12] Д. В. Джохадзе. Диалектика Аристотеля, М., 1971, с. 160.
[13] Ар-рисолат, с. 79.
[14] Ҳамон асар, с. 86.
[15] Ҳамон асар. с. 83.
[16] Ҳамон асар, с. 83—84.
[17] Муҳаммад Солеҳ аз-Заркон. Фахриддин ар-Розӣ ва ороуҳу ал-каломияти в-ал-фалсафияти, Қоҳира, 1341, с. 441—447.
[18] Ҳамон ҷо, с. 457—458.
[19] Ар-рисолат, с. 81.
[20] Ибни Сино. Донишнома, Теҳрон, 1953, с. 122—123.
[21] Ар-рисолат, с. 120.
[22] Ал-бароҳин, с. 294.
[23] Ҳамон асар, с. 306.
[24] Ар-рисолат, с. 120.
[25] Ҳамон асар, с. 109.
[26] Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока, М., 1961, с. 251.
[27] Фараби. Существо вопросов. — Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961, с. 174. Ибни Сино. Донишнома. Теҳрон, 1953, с. 124.
[28] Ибн Сина. Книга спасения (раздел «О душе»).—Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока, М., 1961, с. 227.
[29] Ар-рисолат, с. 118.
[30] Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир, ҷ. 1, Қоҳира, 1308, с. 252. (ба арабӣ).
[31] Ибни Сино. Равоншиносӣ, Теҳрон, 1348, с. 58, 60.
[32] Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот, ҷ. 2, Қоҳира, 1336, с. 334—338.
[33] Ар-рисолат, с. 111.
[34] Ибни Сино. Ишорот ва-т-танбеҳот маа шарҳи Насириддини Туси, ҷ. 2. Қоҳира, 1336, с. 336.
[35] Ибни Сино. Ишорот ва-т-танбеҳот маа шарҳи Насириддини Тусӣ, ҷ. 3, Қоҳира, 1336. с. 256—257.
[36] Ҳамон асар, с. 257.
[37] Ҳамон асар, ҷ. 2, саҳ. 365.
[38] Ар-рисолат, с. 108.
[39] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷ. 38, с. 381.
[40] К. Маркс и Ф. Энгельс. Из ранних произведений. М., 1956, с. 594.